# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Турсунова Мунаввара Аъзамовна дар мавзуи «Таҳқиқи лингвистии топонимияи воҳаи Сурхон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ.**

Дар баробари ҳалли як қатор омӯзиши масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ дар забоншиносии тоҷик оид ба омӯзиши мавзеъҳои таърихӣ ва ҷуғрофӣ аз ҷиҳати маъно, пайдоиш, густариш, мансубияти забонӣ, хусусиятҳои сохторӣ-калимасозӣ, қабатҳои луғавӣ - маъноӣ ва грамматикии исмҳои хос (топонимия) дар мисоли таҳқиқи лингвистии топонимия воҳаи Сурхон масъалаҳое мавҷуданд, ки таҳқиқи ҷиддиро талаб менамоянд.

Зарурат ва аҳамияти пажуҳиши мазкур, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки дар улуми муосири ҷаҳонӣ, махсусан, ономастика (номшиносӣ)-и муосир таҳқиқ ва омӯзиши исмҳои хос, ки таҳлилу баррасӣ ва таҳқиқи луғавӣ-маъноӣ ва грамматикии онҳо зарур шуморида мешавад.

Мавзуи интихобнамудаи диссертант - Турсунова Мунаввара Аъзамовна дар мавзуи «Таҳқиқи лингвистии топонимия воҳаи Сурхон», барои рушд ва ташаккули номгузории ҷойномҳои мавзеъҳои таърихӣ ва ҷуғрофӣ аҳамияти калони илмӣ дорад.

Дар **муқаддима** диссертатсия аҳамият ва мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқ, вазифаҳои таҳқиқ, объекти таҳқиқ, предмети таҳқиқ, асосҳои назарии ва методологии таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, навгониҳои илмии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ва сохтор ва ҳаҷми диссертатсия баён шудаанд.

Автореферати диссертатсияи мазкур аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиёт адабиёт иборат мебошад.

**Боби якуми** диссертатсия **"Мавқеи ҷуғрофӣ ва маълумоти мухтасари таърихии минтақа"**-и ном дошта, аз се фасл иборат аст.

Муҳаққиқ дар фасли аввал **«Баррасии номвожаҳои ҷуғрофии воҳа дар осори илмӣ»**, роҷеъ ба воҳаи Сурхон, ки ҷузъи ҷуғрофии водии Ҳисор дар осори таърихӣ, ҷуғрофӣ ва адабию бадеӣ бо номи Чағонрӯд,

Чағониён, Сахонруд, Сурхон зикр мегардад, маълумоти муфассали илмӣ дар асоси осори илмии таърихӣ, ҷуғрофӣ ва адабӣ додааст.

Муаллиф бо истифода аз сарчашмаҳои зиёди илмӣ ба таҳқиқи забоншиносии воҳаи Сурхон машғул шуда, дар осори зиёде, аз қабили очерку рисолаҳои алоҳидаи сайёҳони рус таълифкарда маълумот дода шудааст.

**Фасли дуюми** боби якум **"Баррасии ҷойномҳои ҷуғрофии воха дар асарҳои адабӣ-бадеӣ"** унвон дошта, онд ба ҷойномҳои воҳаи номбурда маълумоти осори адабӣ-бадеӣ оварда мешавад. Муҳаққиқ зикр менамояд, ки "водии Сурхон ё Чағониён сарзаминест, ки дар бораи ин мавзеи таърихӣ дар осори адабӣ-бадеӣ ҳам маълумоти адибонро ҳангоми тасвири манзараи табиати дилошуб дастрас кардан мумкин аст".

**Фасли сеюми** боби якум бо унвони **"Баррасии ҷойномҳои воҳаи Сурхон дар фарҳангномаҳо"** ном дошта, муаллиф дар асоси луғатномаҳо калимаву таркибҳои зиёди мушкилфаҳмро шарҳу маънидод намуда, маълумоти пуркимати таърихӣ ва ҷолиб доир ба шаҳрҳо, шаҳракҳо, дараву сойҳо, дарёву чашмаҳо, кишвару минтақаҳо ва ғайра пешниҳод намудааст.

**Боби дуюми** диссертатсия дар мавзуи **"Баррасии вижагиҳои луғавии ҷойномҳои воха"** ном дошта, муаллиф дар фасли якуми боби дуюм ба таҳқиқи "Қабатҳои луғавии ҷойномҳои воха" машғул шуда, дар асоси маводи ҷамъовардаи худ онҳоро ба қабатҳои ойконимҳои воҳа, гидронимҳои воҳа, оронимҳои воҳа, этнотопонимҳои воҳа, антротопонимҳо, фитотопонимҳо, зоотопонимҳо ҷудо намудааст.

**Фасли якуми** боби дуюм ба таҳқиқи **«Қабатҳои луғавии ҷойномҳои воха»** бахшида шудааст. Диссертант қабатҳои лексикии маводи топонимии воҳаи Сурхонро ба гурӯҳҳои ойконимия, гидронимия, оронимия, этнотопонимия, антротопонимия, фитотопонимия, зоотопонимия ва ғайра ҷудо намуда, мавриди таҳқиқи амиқи илмӣ қарор додааст.

**Фасли дуюми** боби дуюм ба **«Баррасии этимологии топонимҳо»** унвон дошта, калимаҳои тағйиршаклкарда ба мо усули таърихӣ-қиёсӣ, яъне таҳлили этимологӣ ёрӣ мерасонад.

Муаллиф дар ин фасл топонимҳоро ба ҷойномҳои тоҷикӣ (Боғбола (номи деҳа), Боғзагон (номи деҳа), Боғи Самарқанд (номи деҳа дар ноҳияи Сариосиёб), Боғи Боло (номи деҳа дар ноҳияи Бойсун), Боғи Шамол (номи деҳа дар ноҳияи Ангор), арабӣ (Шаҳидон, Ҳойит, Суффа, Сел, Мазор, Мақбара, Манора, Ҳисор), туркӣ-ӯзбекӣ (Боймоқлӣ [Bāymāqli], Қуянлӣ [Quyanli], Бормочлӣ [Bārmāčli], Чупоқлӣ [Čupāqli] ва

омехта (Чинорток [Činārtāq] номи дара. Яккатол [Yakkatāl] номи ҷӯйбор. Новбулок [Nāvbulāq] ҷудо намудааст.

**Боби сеюми** рисола тахти унвони **"Баррасии вижагиҳои сохтории чойномҳои воҳа"** ном дорад. Муҳаққиқ дар ин боб вобаста ба хусусиятҳои сохтории чойномҳои воҳаро ба ду фасл ва зерфаслҳои зиёд ҷудо намудааст.

Муҳаққиқ дар ин боб вижагиҳои сохтории чойномҳои воҳаи Сурхонро ба чойномҳои сода (Кат, Канд, Корез, Ангор, Андиҷон, Анҳор, Арғун, Газа), чойномҳои сохтаро диссертант дар асоси формант ва ё анҷомаҳои топонимсоз ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намудааст.

Дар қисмати хулоса, муҳаққиқ андешаҳои худро ҷамъбаст намуда, микёс ва самтҳои асосии таҳқиқро нишон додааст.

Автореферати диссертатсияи Турсунова Мунаввара Аъзамовна дар асоси талаботҳои КОА-и ФР ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълиф гардидааст. Фишурдаи мазкур бо забони фасеҳу равон таҳия шуда, дар маҷмуъ натиҷаи пажӯҳиши муаллифро инъикос мекунад. Аз мутолиаи он бармеояд, ки муҳаққиқ дар баробари эҳтиром гузоштан ба андешаи олимон бо овардани санадҳои муътамад ба саҳифаҳои асарҳои илмӣ ишораҳо кардааст.

Аз мутолиаи автореферати диссертатсияи Турсунова Мунаввара Аъзамовна чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки муҳаққиқ дар натиҷаи меҳнати чандсола ба мақсади худ расидааст. Таҳлилу муҳокима ва натиҷагирии муаллифи диссертатсия аз ҳар ҷиҳат ҷолиби диққат ва дастгирӣ аст.

Дар баробари муваффақияти бадастомада дар автореферат баъзе камбудиҳо мушоҳида карда шуд, ки ислоҳи онҳо ба манфати кор мебошанд:

1.Дар саҳифаҳои 4, 5, 6, 11, 13, 17, 20, 22, ва 24-и автореферати диссертатсия ғалатҳои имлоӣ, ҳамроҳнавиии калимаҳо, ишораи нодурусти аломатҳои китобатӣ ва бо ҳарфи хурд навиштани исмҳои хос ба назар расид, ки ислоҳи он ба фоидаи кор аст;

2. Дар саҳифаи 6-и автореферат муаллиф аз муҳаққиқони соҳа ёдоварӣ намуда, дар навараки автореферат сарчашмаи таҳқиқро нишон додааст ва аз қисми дигари олимон ва таълифоти онҳо худдорӣ намудааст. Ҳамчунин, дар матни автореферат аз муҳаққиқони маъруфи ономатолог, аз ҷумла А.А., Девонакулов О.Гафуров, С.Абдуллоева, Шодиев Р. С.Шералиева ва дигарон истифода накардааст;

3.Ба андешаи инҷониб, хуб мебуд, ки муаллиф ҳангоми овардани чойномномҳои воҳаи Сурхон аз овонигории лотинии байналмилалӣ, ки

муаллиф дар саҳифаҳои 15, 19, 22 ва 23 нишон додааст, ба таври пурра истифода мекард, қимати илмии кор дучанд меафзуд. Ҳамчунин, дар навиши баъзе ҷойномҳо ҳафҳои лотинӣ дар шакли ғалат навишта шудаанд.

Мавриди зикр аст, ки камбудиву нуқсонҳои мазкур хусусияти ҷузъӣ дошта, ислоҳшавандаанд ва қимати илмии автореферати диссертатсияро кам намекунад.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсияи Турсунова Мунаввара Аъзамовна дар мавзуи «Таҳқиқи лингвистии воҳаи Сурхон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ, дуруст, пурра ва мукаммал буда, ба талаботи Низомномаи КОА-и ФР ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор аст.

Муқарриз:
н.и.ф., директори филиали Муассисаи
давлатии Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили
ихтисос ва бозомӯзии кормандони
соҳаи маориф дар шаҳри Кӯлоб Шаҳбози Рустамшо

Имзои н.и.ф., директори
ФДҶТИБКСМ Шаҳбози Р.-ро
тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳо ва котиботи
ФДҶТИБКСМ дар шаҳри Кӯлоб Холов Муҳаммадҷон

Маълумот дар бораи иртибот:
735360, ш. Кӯлоб, кӯчаи Ҳамадонӣ 5
E-mail: rustamshoh-90@bk.ru
Телефон: (+992) 988-49-10-10

«2» «июни» соли 2023